# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи: «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ, –Душанбе, 2021.**

Масъалаи фаъолияти китобхонаҳои мамлакат дар замони истиқлол бисёр мавзӯи муҳим аст. Зеро дар ҷаҳони имрӯзӣ миллате метавонад ба пешрафту комёбиҳо ноил гардад, ки аксарият соҳиби донишҳои замонавӣ бошад. Китобхонаҳо дар ин самт муҳимтарин муассисаҳое мебошанд, ки фаъолияти дурусти онҳо ба саводнокии аҳли ҷомеа таъсири ҷиддӣ мерасонад. Таҳқиқи мавзӯи мазкур хусусиятҳои фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи истиқлол дақиқан муайян намуда, дар тақвияти донишҳои замонавии насли имрӯзу оянда саҳми арзанда мегузорад. Аҳаммияти рӯ овардан ба таҳқиқи масоили мазкур ҳамчунин дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити ҷаҳонишавии ҷомеаи иттилоотӣ ва рушди босуръати воситаҳои нави иттилоотӣ ҳамзамон бо китобхонаҳои анъанавӣ таъсис шудан ва ба фаъолият оғоз намудани китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои нави ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву интиқоли манобеи иттилоотӣ ба сифати объекти таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Дар мавриди мубрамии мавзуъ инро низ гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқи фаъолияти муассисае чун китобхона дар шароите, ки кишвари мо истиқлол ба даст овардааст, аҳаммияти бештар дорад. Зеро миллати тоҷик дар таърихи башарият бо китобдории хеш шинохта шуда, ноил шудан ба пешравиҳои ҷиддӣ дар ҷаҳони муосир таваҷҷуҳи бештарро ба ин соҳа тақозо менамояд. Дар баробари ин, дастовардҳои назарраси кишвар дар ин самт зарурати таҳқиқи мавзуи мазкурро муҳимтар мекунанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз таҳқиқоти анҷомдодаи донишмандон доир ба мавзуи таҳқиқ ёдовар шуда, дуруст иброз медорад, ки фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол ба таври муҷтамеъ (комплексӣ) дар асарҳо ва мақолаҳои донишмандоне, ки то ин вақт

ба ин масъала таваҷҷуҳ кардаанд, ҳамчун объекти таҳқиқоти мустақил мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Дар автореферат ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, предмет, асосҳои методологӣ, навгониҳои илмӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот зикр ва асоснок шудаанд. Муаллиф зимни таълифи рисола аз сарчашма ва адабиёти фаровоне истифода кардааст, ки арзиши илмии рисоларо бештар мекунанд. Унвонҷӯ маълумоти маъхазҳои муътамади бойгонӣ ва адабиёти марбут ба соҳаи таҳқикро таҳлили қиёсӣ кардааст, ки бисёр кори арзишманд мебошад. Баъзе аз маводи бойгонии нодир аз ҷониби унвонҷӯ ба фазои илмӣ ворид карда шудаанд, ки шоистаи таҳсин аст.

Масъалаҳои гузошташуда дуруст ва илман асоснок баррасӣ шуда, мураттабии матлабҳо, истифода аз сарчашмаҳо ва маводи бойгонӣ баёнгари дониши хуби илмӣ доштани муаллиф мебошанд.

Таҳқиқоти мазкурро барои омӯзиши фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ дар замони истиқлол, такмил ва ба шароити замон боз ҳам бештар мутобиқ кардани китобхонаҳо, инчунин барои таҳияву тайёр намудани барномаву дарсномаҳои таълимӣ барои мактабҳои миёнаи касбӣ ва олии китобдорӣ ва хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои «Китобхонашиносӣ», «Таърихи китобхонаҳои Тоҷикистон», «Афкори китобхонашиносии тоҷик» ва ғ. истифода кардан мумкин аст.

Дар хулосаи автореферат муаллиф натиҷаҳои таҳқиқи худро ҷамъбаст карда, пешниҳоду тавсияҳои илмии худро баён мекунад.

Аз мутолиаи матни автореферати диссертатсия метавон хулоса кард, ки он таҳқиқоти илмии комил ва арзишмандест, ки муҳокимаву баррасиҳои ҷиддиро гузаштааст. Яъне довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромадааст. Бо боварӣ метавон иброз дошт, ки хулосаву тавсияҳои дар автореферат додашуда дар сатҳи баланди назариявӣ дарҷ гардида, аҳаммияти назарраси илмӣ доранд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии дар заминаи он нашршуда мазмуну мундариҷаи асосӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкурро комилан инъикос мекунанд. Аз ҷумла, муаллиф баъзе аз истилоҳоти соҳавиро ба

шакли мақола дар ҷилдҳои Энсиклопедияи миллии тоҷик нашр кардааст, ки дастоварди муҳим аст.

Тибқи натиҷаҳои бадастомада ва истифодаи амалӣ таҳқиқоти Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи: «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ ба талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллиф ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих арзанда аст.

**Муқарриз**
**муҳаррири Сарредаксияи илмии**
**Энсиклопедияи миллии тоҷик,**
**номзади илмҳои таърих**

**Сафаров Н. Ш.**

17.5.2021

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Н. Қарабоев 17
Тел.: (+992) 985-88-08-10; E-mail: nekruz_tj@mail.ru

*Имзои н.и.т. Сафаров Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам*

Нозири шуъбаи кадрҳои СИЭМТ

*Холиқова С.* 17.5.2021